# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22 январи соли 2026, №3**

Бораи сазовор донистани Тиллозода Анваршо Абдулхак. шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик).

Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 - Таърихи ватанӣ) 12-уми ноябри соли 2025, протоколи №29-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Тиллозода Анваршо Абдулҳақ 27 ноябри соли 1986 дар ноҳияи Данғара дар оилаи коргар таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 2009 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ (таърих) хатм намудааст. Тиллозода Анваршо Абдулҳақ айни ҳол муаллими калони кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муллоҷонзода Асадулло Кучак.

Муқарризони расмӣ: Набизода Ваххоб Машраб – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва Маҳмудзода Суханвари Анвар – номзади илмҳои таърих, муовини декан оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби мукарриз. номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон Ғуломшоев Сулемоншо имзо шудааст, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 14 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Ҳамзамон, дар тақриз қайд мегардад, ки диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Муллоҷонов А.К., Тиллоев А.А. Пайдоиш ва инкишофи саноат дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №7. - Душанбе, 2018. - С. 35-38. ISSN 2074-1847.

[2-М]. Тиллоев А.А. Рушди саноат дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1970-1991 // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №9. - Душанбе, 2018. - С. 132-135. ISSN 2074-1847.

[3-М]. Муллоҷонов А.К., Тиллоев А.А. Заминаҳои пайдоиш ва рушди саноат дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. - Душанбе, 2019. -С. 100-104. ISSN 2074-1847.

[4-М]. Тиллозода А.А. Сиёсати «Дарҳои кушод» ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. - Душанбе, 2020. - С. 51-55. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Тиллозода А.А. Буҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: сабабҳо ва омилҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №2. - Душанбе, 2021. - С. 46-52. ISSN 2074-1847.

[6-М]. Тиллозода А.А. Хусусиятҳоиислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, №2 (014). – Душанбе, 2021. - С. 234-239. ISSN 2076-2569.

[7-М]. Тиллозода, А. А. Рушди соҳаи саноат ва энергетика дар даврони истиқлолият / А. А. Тиллозода // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 2(280). 2025. – С. 54-60. ISSN 2076-2569.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[8-М]. Саидзода Д., Тиллоев А.А. Элитаи сиёсӣ: роҳҳо ва воситаҳои асосии ташаккул ва рушд // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва аспирантону

донишҷӯён бахшида ба «20-солагии Ваҳдати миллӣ» (Донишгоҳи давлтии Данғара 17-22 апрели соли 2017). - Данғара, 2018. – С. 204-207.

[9-М]. Тиллоев А.А. Инкишофи саноатикунонӣ дар Тоҷикистони муосир. // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба «20-солагии Ваҳдати миллӣ» (Донишгоҳи давлатии Данғара 17-22 апрели соли 2017). - Данғара, 2018. - С. 211-214.

[10-М]. Тиллоев А.А., Саноати Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015 ва нақши Пешвои миллат дар рушди он // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди устувории инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Донишгоҳи давлатии Данғара 11-12 майи соли 2018). - Данғара, 2018. - С. 171-175.

[11-М]. Тиллозода А.А. Бӯҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: Сабабҳо ва омилҳо (дар солҳои 1980-1990) // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. Донишгоҳи давлатии Данғара, №4 (04). - Данғара, 2021. - С. 121-131. ISSN 2789-8636.

[12-М]. Тиллозода А.А. Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бар мабнои сиёсати «дарҳои кушод» // Мақолоти таърихӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. - Душанбе: Шоҳин-С, 2022. -С. 102-119.

[13-М]. Тиллозода А.А. Иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии туристӣ дар давраи кунунӣ // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақш ва мақоми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Донишгоҳи давлатии Данғара 30-юми декабри соли 2023). - С.190-195.

[14-М]. Тиллозода А.А. Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди саноат дар шароити муосири Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». 16-17 майи соли 2024, ш. Кӯлоб. - С.499-503.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. Ҳомидзода Фурқат Муқим - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
2. Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад - доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, директори Пажӯишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Мирзоев Ғолибшо Шарифович - номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

4. Изатов Умедҷон Хуршедович - номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо эродҳо вуҷуд надоранд. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1- Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 - Таърихи ватанӣ) ва доир ба масъалаҳои гуногуни вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI **коркард карда шуд:**

- ***ошкор менамояд, ки*** Тоҷикистони Шуравӣ аз нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX сар карда, ба ҷараёни бозсозӣ ворид шуд, ки дар натиҷаи он мамлакат роҳи нави самти сиёсӣ ва муносибатҳои бозориро пеш гирифт. Бозсозӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ мушкилоти мавҷудаи муносибатҳои миллиро ошкор ва ҳаркатҳои сиёсиро дар бештари ҷумҳириҳо, хусусан Тоҷикистон ба вуҷуд овард;

- ***пешниҳод шудааст, ки*** баъд аз пош хӯрдани давлати Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи иҷтимоиву сиёсии кишвар тағйир ёфта, бӯҳрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сар зад, ки ин буҳрон дар кишвар мушкилоти зиёди фарҳангиву маънавӣ ва сиёсиву амниятиро ба бор овард. Мухолифати байни гурӯҳҳои сиёсӣ сабаби шиддат гирифтани вазъи буҳронӣ гардида, ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъсири манфӣ расонд;

- ***исбот шудааст,*** ки фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ яке аз ҳаводиси таъсиргузори олам буда, ба ҳамон андозае, ки таъсиси он дар соли 1922 тарҳи нав дар ҷаҳон андохта буд, заволу азбайнравиаш дар соли 1991 низ минтақа ва ҷаҳонро мутаҳаввил гардонд. Ин раванд дар сарнавишти мардуми тоҷик ва кишвари Тоҷикистон низ таъсири амиқ гузошт. Дар пайи ин тамоюлҳои ислоҳотпазир мавҷи дигаргунсозиҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ сарозер гардида, дар кӯтоҳтарин фурсат паёмадҳои бузургеро дар ростои тағйирёбии куллии ҷомеа пиёда сохт.

- ***ҷорӣ намудани*** натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи навтарин.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** бори аввал ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт. Натиҷаи таҳқиқотро метавон дар гузаронидани таҳқиқотҳои махсуси ҷамъбастӣ оид ба таърих ва таърихнигории халқи тоҷик истифода намуд. Инчунин, маводҳои диссертатсияро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ ва маҷмуаҳои илмӣ барои муассисаҳои таълимии олӣ истифода кард. Маводҳо ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи консепсияи рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити истиқлолият, эҷоди асарҳои маҷмуавӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи иқтисодиёти миллӣ, инчунин хондани курсҳои махсус ва таълими таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корҳои илмию таҳқиқотии аспирантону докторантҳо истифода шаванд;

- ***баён шудани*** ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI, ки решаҳои амики таърихӣ дошта, дар шароити муосир ба омӯзиши маҷмӯӣ, ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ ниёз доранд;

- ***ошкор гардидани*** масоили сиёсӣ ва коҳиш ёфтани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар замони бозсозӣ, вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин таҳқиқи ҳаёти иҷтимоӣ, стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба некуаҳволии мардум;

- ***омӯхта шудани*** ҳаёти сиёсӣ дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои бозсозии шуравӣ, дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба амал омадаанд, вазъи иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарорсозии низоми сулҳу субот дар солҳои 1991-2000, ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ дар шароити буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ, татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии дастовардҳо дар соҳаи иқтисоди миллӣ, иҷтимоии ҳукуматӣ дар самти таъмини некуаҳволии аҳолӣ ва таҳкими амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-***аз нав такмил додани*** омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI, заминаҳои моддӣ ва дурнамои иқтисодиёти ҷумҳурӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд:

-***коркард ва ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маърӯза баён гардидаанд;

- ***муайян карда шуд,*** ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқотро мақомоти давлатӣ барои тартиб додани барномаҳои

ҳукуматӣ оид ба рушди стратегии ҷумҳурӣ истифода намоянд. Илова бар ин, тавсияҳои пешниҳодшударо метавон барои муайян намудани роҳу воситаҳои таъмини рушди саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ, ки пойгоҳи асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, истифода бурд;

- ***офарида шуд:*** бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар давраи бозсозӣ ва истиқлолият.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

-***ғояи*** таҳқиқот дар заминаи ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ ва нишондиҳандаҳои марбут ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ вобаста буда, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***

- ***истифода шудаанд:*** маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводи мақомоти ҳукуматӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки фаъолияти онҳо бевосита ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон алоқаманданд, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ;

-***муайян шудаанд:*** вазъияти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои бозсозӣ, инкишофи корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ, вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2000, сатҳи нокифояи истеҳсолоти дохилӣ, афзоиши вобастагӣ аз воридот, ноустувории тавозуни пардохтӣ, беқурбшавии асъори миллӣ ва болоравии қарзи хориҷӣ, татбиқи барномаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар ва ҷанбаҳои мусбат ва манфии раванди иҷрои онҳо бо риояи меъёри объективият, рушди соҳаи кишоварзӣ, дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, кӯмак ба гурӯҳҳои осебпазир, коҳиши камбизоатӣ, таъмини дастрасӣ ба маводи ғизоии босифат, тавсеаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, идоракунии хавфҳои эҳтимолӣ дар бозори озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва рушди устувори иқтисоди кишвар;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои гуногуни таҳқиқи маводҳои бойгонӣ, маводи ВАО ва асарҳои таърихӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши асосу далелҳо, муқоисакунӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, назари интиқодӣ истифода шудаанд. Асосҳои методологии таҳқиқот принсипи материализми

диалектикӣ ва объективияти илмӣ ҳамчун шарти асосии таърихи муосир гардидаанд. Методологияи таҳқиқот ба дастовардҳои таърихшиносони муосири ватанӣ ва хориҷӣ ва инчунин, асарҳои махсус оид ба таърихи иқтисодиёт ва саноат асос ёфтааст. Дар таҳлили маводҳо методҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, тарҷеӣ, методи мушоҳидаи умумӣ ва интихобӣ, методи оморӣ, ки объективияти таҳқиқоти мазкурро таъмин намудаанд, истифода шуданд. Дар доираи принсипи объективияти таҳқиқот хусусиятҳои таҳлилӣ мушаххас гардида, ҳаводиси таърихӣ воқеъбинона инъикос гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлил ва баррасии масоили сиёсӣ ва коҳиш ёфтани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар замони бозсозӣ, вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин таҳқиқи ҳаёти иҷтимоӣ, стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурӣ оид ба некуаҳволии мардум ифода меёбад. Натиҷаҳои илмӣ, таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нуқоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия ва баррасӣ шудаанд.

Дар маҷлиси 22 январи соли 2026 (аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар (як нафар тариқи маҷозӣ (онлайн)) иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) 4 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих , дотсент — Муродзода А.А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа
(PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих — Мирзоев Ш.Ҷ.

22 январи соли 2026